Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 44 (4784) | СЕШАНБЕ, 9 АПРЕЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



Ҳамватанони азизи мо қаҳтию гуруснагии солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хуб дар хотир доранд. Бинобар ин, ҳар як оила ва тамоми сокинони мамлакатро зарур аст, ки дар баргузории маросиму маъракаҳо, аз ҷумла дар рӯзҳои ид, ба зиёдаравию исрофкорӣ ва намоишкорию риёкорӣ роҳ надиҳанд ва дар фикри аҳли оилаву фарзандони худ бошанд. Ба ҷои намоишкорию исрофкорӣ мо бояд кӯшиш кунем, ки барои таълиму тарбияи фарзандонамон шароити беҳтарин муҳайё созем, онҳоро бо ғизои босифат, сарулибос ва асбобу ашёи хониш таъмин намоем, дар андешаи боз ҳам беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва захираи маводи ғизоӣ барои аҳли оилаи худ бошем.

Такроран таъкид месозам, ки мо бояд бештар дар фикри тарбия ва таъминоти фарзандонамон бошем, онҳоро тавре тарбия намоем, ки соҳиби илму дониш ва касбу ҳунар шаванд, ба давлату миллат ғизоӣ ҳидоят намоем, то ягон оилаи мардуми мо муҳтоҷу дастнигари дигарон нагардад.

Яке аз хусусиятҳои қонуни миллии мо дар бораи танзими расму оинҳо ҷанбаи маънавии он мебошад. Дар қонун омадааст, ки мардум дар рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон дастархони маънавӣ ороста, ба исрофкорӣ ва зиёдаравӣ роҳ надиҳанд.

Оростани «дастархони маънавӣ» – анҷом додани корҳои хайр, аз ҷумла зиёрати падару модар, хешу ақрабо, аёдати азодорон, дуову фотиҳа ба рӯҳи гузаштагон, насиҳати фарзандон ва ба роҳи дуруст ҳидоят кардани ҷавонону наврасон аст, ки аз анъанаҳои неку писандидаи мардуми мо ба ҳисоб меравад.

Фаромӯш набояд кард, ки идҳои Рамазон ва Қурбон тӯй нестанд, балки як маросими сирф маънавӣ, яъне аёдат, зиёрат, гиромидошти хотираи гузаштагон, дар ҳаққи

# АНҶОМИ ХАЙРУ САДАҚОТ ЯКЕ АЗ СУННАТҲОИ НЕКИ МАРДУМИ МОСТ

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди саиди Фитр**

**шаҳри Душанбе, 9 апрели соли 2024**

**Ҳамватанони азиз!**

Шоми имрӯз моҳи муборакӣ Рамазон анҷом меёбад ва фардо иди саиди Фитр фаро мерасад.

Ба муносибати ин оини муборакӣ динию эътиқодӣ тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик мегӯям. Ба хонадони ҳар як фарди кишвар рӯзгори босаодат ва барои Ватани азизамон сулҳу суботи ҷовидона орзу менамоям.

Дар моҳи муборакӣ Рамазон ва айёми иди саиди Фитр ҳар як фарди бедордил кӯшиш мекунад, ки амали хайре анҷом диҳад, дили ятимону маъюбонро шод гардонад, ба беморон ва оилаҳои камбизоату бесаробонмонда дасти кумак дароз намуда, соҳиби савоб гардад.

Дар арафаи ид анҷом додани хайру садақот ва саховат кардан анъана ва суннати неке мебошад, ки мардуми мо ба он эътибори ҷиддӣ медиҳанд.

Тибқи аҳкоми шариат ҳар бандаи муъмин ва эътиқодманд маҳз барои он хайру садақот мекунад ё амали некеро анҷом медиҳад, ки дар номаи аъмолаш навишта мешавад ва баъд аз марг, яъне дар охират, боиси саодат ва растагории ӯ мегардад. Агар чунин аст, пас беҳтар нест, ки ҳар як бандаи муъмин кӯшиш намояд, ки гуноҳ накунад ва дили касеро наранҷонад? Ҳамчунин, беҳтар аст, ки фарзанди солеҳ барои зинда нигоҳ доштани номи неки гузаштагон ва махсусан, падару модари худ макони зисти ятиме, оилаи бесаробонмонда ё камбизоату маъюберо обод созад, роҳеро таъмир намояд, ба маҳалле об барорад, дар бунёди муассисаи таълимию тиббӣ ё дар таъмири он саҳм гузорад, бо ташкили коргоҳе ҷойи корӣ таъсис диҳад ё дигар амалеро анҷом диҳад, ки ба дигарон манфиат бахшад ва савоби ҷория дошта бошад. Ин корҳо нисбат ба баргузории ҳар гуна маъракаҳои ёдбуд, оростани дастархони зоҳирпарастона ва исрофкорӣ, албатта, савоби бештар доранд.

Ба мардуми ниёзманд, аз қабили ятимону маъюбон, беморону бесаробонмондагон ва дигар шахсони камбизоату эҳтиёҷманд, дасти ёрӣ дароз кардан дар Қуръони карим ҳамчун омилҳое зикр шудаанд, ки боиси хушнудии Худо мегарданд.

Дар ин бобат Худованд дар ояти 160-уми сураи Анъом ба таври мушаххас мефармояд: «Ҳар кас кори неке анҷом диҳад, подоши ӯ даҳ баробар аст...».

Пайғамбари ислом вобаста ба ин масъала дар як ҳадиси худ фармудааст: «Вақте банда мемирад, амал (ва ҳар робитае, ки бо дунё дошт) аз вай қатъ мегардад, ғайр аз се чиз: садақаи ҷория, илме, ки мавриди истифодаи дигарон қарор гирад ва фарзанди неке, ки барои ӯ дуо кунад».

Аз ин рӯ, мардум, аз ҷумла ҷавонон, дар зиндагии худ кӯшиш намоянд, ки амалҳои хайри ба манфиати ҷомеа равонашуда ва ба рушди донишу маърифат нигаронидашударо анҷом диҳанд. Муҳимтар аз ҳама, ба падару модари худ хизмат кунанд, ризоият ва дуои неки онҳоро гиранд, то ин ки умри бобаракат бинанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Боиси қаноатмандист, ки мардуми мо баъд аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳият ва манфиати онро дуруст дарк намуданд.

Имрӯз маблағҳои сарфашудаи шаҳрвандон барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ, бунёду обод гардонидани манзилҳои истиқоматӣ ва дигар амалҳои хайр равона шуда истодаанд.

Гузашти вақт ва аз ҷониби дигар, торафт мураккабу мушкил гардидани вазъи таъминоти мардуми сайёра бо маводи ғизоӣ, оқибатҳои тағйирёбии иқлим - камобию хушксолӣ дар аксари минтақаҳои олам, аз ҷумла дар кишвари мо, дурустии иқдомоти дар ин самт андешидаи моро нишон дода истодааст. Бояд тавре тарбия кунем, ки содиқ бошанд, Ватанро сидқан дӯст доранд, иродаи мустаҳкам дошта бошанд, сарзамини аҷдодии худро дар оянда соҳибӣ ва обод карда тавонанд, созанд, бунёд кунанд. Барои ин зарур аст, ки тамоми ҷомеа ба илму маориф рӯ оварад ва ба таҳсили фарзандон, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва босаводу соҳибмаърифат гардонидани наврасону ҷавонон эътибори аввалиндараҷа диҳад.

Мо бояд фарзандонамонро тавре тарбия кунем, ки номбардори падару модар бошанд, обрӯи давлату миллатро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоранд, на ин ки боиси доғдор шудани номи неки миллати тоҷик гарданд. Чунин рафтори нангин ба шаъни падару модари тоҷик ва миллати соҳибфарҳангу бостонии тоҷик муносиб нест.

Пас, биёед, фарзандонамонро дуруст тарбия кунем, онҳоро илму дониш ва одобу ахлоқи ҳамида омӯзонем, соҳиби касбу ҳунар гардонем, ки оянда, яъне баъди сари мову шумо дар зиндагӣ азият накашанд ва роҳгум назананд.

Бахусус, имрӯзҳо, ки дар кишварамон мавсими баҳор, яъне вақти киштукор аст, дар қатори кишоварзон фарзандон ва аҳли оилаи худро ба заҳмат кашидан, рӯёнидани се - чор ҳосил, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот ва захираи маводи онҳо дуо кардан ва ба ҷо овардани шукронаи оромию осоиш ва сулҳу суботи кишварамон мебошанд.

Падару модарон ба ҷойи оростани дастархони исрофкоронаи рӯзи ид, яъне ба ҷойи харҷу исрофи намоишкоронаи якрӯза, бояд дар фикри он бошанд, ки ҳар рӯз барои аҳли оила ва фарзандонашон фазои идона муҳайё созанд, то онҳо эҳсос кунанд, ки ҳар рӯз барояшон ид аст.

Аслан мо – мардуми Тоҷикистон халқи серфарзанд ҳастем, хешу табори зиёд дорем ва доимо аз ҳолу аҳволи ҳамдигар бохабар шудан одати деринаи миллии мо мебошад. Ҳар як оила дар як сол то 10-12 маротиба хешу табор ва пайвандони худро меҳмондорӣ мекунад.

Бо риояи одобу анъанаҳои миллии тоҷикона меҳмоннавозӣ кардани онҳо барои мо кори савоб ва дорои хайру воҷиботи бештар нисбат ба оростани дастурхони идона ба ҳисоб меравад.

**Ҳамватанони азиз!**

Ман дар суханронии худ рӯзи 9-уми март дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар фикру андешаҳоямро доир ба вазъи эътиқодӣ дар кишвар ва роҳҳои ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта муфассал баён намудам.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# МОҲИ ФАЗИЛАТҲОИ БУЗУРГ ВА ХАЙРУ САХОВАТМАНДӢ

**Паёми табрикии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бахшида ба иди саиди Фитр**

**шаҳри Душанбе, 9 апрели соли 2024**



**Ҳамдиёрони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати фарорасии иди саиди Фитр самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо осоишу офият, файзу баракат ва бахту саодат орзу менамоям.

Боиси шукргузорист, ки бо шарофати истиқлолияти давлатӣ мардуми кишвари маҳбубамон ҷашну идҳои миллию давлатӣ ва анъанаҳои суннатии худро дар фазои оромӣ, суботи сиёсӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллиамон таҷлил менамоянд.

Моҳи Рамазон дорои фазилатҳои бузург буда, моҳи парҳезгорию бахшиш, покизагию фурӯтанӣ, сабру таҳаммулпазирӣ, хайру саховатмандӣ ва дигар амалҳои нек маҳсуб меёбад.

Рамазон айёми анҷом додани корҳои хайру савоб ва дасти ёрию кумак дароз кардан ба ниёзмандону дармондагон, бахусус, ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату бесаробон мебошад.

Дар баробари ин, дар рӯзи ид худдорӣ кардан аз зиёдаравию исрофкорӣ аз ҷумлаи амалҳои савоб ба шумор меравад, зеро хоксорию сариштакорӣ яке аз хислатҳои беҳтарини мардуми мост.

Бори дигар мардуми сарбаланди кишвар, аз ҷумла сокинони шарафманди пойтахти сарсабзу зебоямонро бо фарорасии иди саиди Фитр табрик гуфта, ба ҳар як сокини мамлакат тансиҳатӣ, ризқи фаровон ва рӯзгори ободу осуда ва барои кишвари биҳиштосоямон – Тоҷикистон шукуфоию суботи ҷовидонӣ орзу менамоям.

**Иди саиди Фитр муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

**Нуҳуми апрели соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади мулоқот бо сокинон, иштирок дар тантанаҳои ҷашни Наврӯз, шиносоӣ бо вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҷараёни корҳои кишоварзии баҳорӣ, нақшаю тадбирҳои бунёдкорию созандагӣ ва ифтитоҳи иншооти соҳаҳои гуногун ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вилояти Суғд ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси вилояти Суғд ва дигар масъулони расмӣ истиқбол гирифтанд.

**9-уми апрели соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ташриф оварда, корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Титан 8888»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Дар корхонаи нави саноатӣ, ки масоҳаташ 1,3 гектарро ташкил медиҳад, асосан радиатор - таҷҳизоти гармидиҳӣ, дегҳои гуногунҳаҷм барои рӯзгор ва чароғакҳои равшанидиҳанда (прожектор) истеҳсол карда мешаванд ва бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани иншооти муҳташами тавлидотӣ 100 нафар мутахассиси маҳаллӣ бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд. Оянда дар ин ҷо шумораи кормандон, дар маҷмӯъ, ба 170 нафар расонида мешавад ва айни замон музди миёнаи меҳнат 2500 сомониро ташкил медиҳад.

Корхонаи ҶДММ «Титан 8888» бо мақсади саҳмгузорӣ дар раванди татбиқи ҳамаҷонибаи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, «Солҳои рушди саноат» ва истиқболи шоиста аз Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ бародарон Тоҷибоевҳо бо харҷи зиёда аз 25 миллион сомонӣ бунёд гардид.



Дар корхона бо истифода аз хатҳои муосири технологӣ, ки аз ширкатҳои бонуфузи Чин, Туркия ва Россия харидорӣ шудааст, дар як моҳ 500 тонна ва дар як сол 6 ҳазор тонна партови алюминий коркард ва аз он маҳсулоти тайёр истеҳсол карда мешавад.

Ҳоло дар корхона 2 намуди таҷҳизоти гармидиҳӣ, 3 намуд чароғакҳои равшанидиҳанда ва зиёда аз 20 намуд дег барои рӯзгор, ки ҳаҷмаш аз 2 то 300 литрро ташкил медиҳад, бо дизайни хос ва сифати баланд истеҳсол карда мешаванд. Дар ҳудуди корхона, ҳамзамон, 6 анбор барои нигоҳдории ашёи хом ва маҳсулоти тайёр сохта ба истифода дода шуда, бунёди бинои маъмурӣ, ошхона бо фарогирии 80 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон имкон медиҳад, ки кормандон дар шароити мусоиду беҳтар фаъолияти назаррас дошта бошанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ЗАЯВЛЕНИЕ СОВЕТА ПАРЛАМЕНТСКОЙ АССАМБЛЕИ ОРГАНИЗАЦИИ ДОГОВОРА О КОЛЛЕКТИВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В СВЯЗИ С ТЕРАКТОМ В ТОРГОВО-РАЗВЛЕКАТЕЛЬНОМ ЦЕНТРЕ ГОРОДА КРАСНОГОРСКА МОСКОВСКОЙ ОБЛАСТИ

**5.04.2024**

Мы, главы парламентских делегаций государств – членов ОДКБ в Парламентской ассамблее организации, решительно осуждаем акт жестокой и циничной террористической атаки, совершенный 22 марта 2024 года в Московской области и приведший к многочисленным жертвам среди мирных граждан.

От имени парламентов и народов государств – членов ОДКБ выражаем искренние соболезнования родным и близким погибших, желаем скорейшего выздоровления всем пострадавшим.

Подтверждаем готовность совместно бороться с распространением террористической и экстремистской идеологии, риторики ненависти, а также противодействовать вербовке в ряды террористических организаций.

Твердо поддерживаем работу государственных органов и общественности Российской Федерации по обеспечению национальной безопасности и стабильности.

Выступаем за дальнейшую консолидацию государств – членов ОДКБ и всего мирового сообщества в противодействии терроризму и экстремизму.

**www.majmilli.tj**

(Идома аз саҳ. 1)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

Мавриди зикр аст, ки қаблан талаботи бозори дохилӣ бо ин намуди молу маҳсулот пурра аз ҳисоби воридот таъмин карда мешуд. Баъди ифтитоҳи корхона имкон аст, бештар аз 50 фоизи талаботи бозори дохилӣ бо таҷҳизоти гармидиҳии радиатор, дегҳои гуногунҳаҷм барои рӯзгор ва чароғакҳои равшанидиҳанда аз ҳисоби маҳсулоти худӣ таъмин карда шавад.

Зимни шиносоӣ бо раванди истеҳсолот ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ашёи хом - алюминийи дуюмдараҷа аз ҳудуди ҷумҳурӣ дастрас гардида, дар печҳои махсус гудохта мешавад ва раванди иҷрои корҳои марбут ба қолаббандӣ, суфтасозӣ, рангубор, васлу насби қисмҳои алоҳида, инчунин, бандубасти маҳсулоти тайёр дар коргоҳҳои алоҳида мутобиқ ба меъёру талаботи замони имрӯз сурат мегирад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдому ташаббуси масъулон ҷиҳати таъсиси чунин як корхонаи муосири саноатӣ баҳои баланд дода, дастур доданд, ки дар вақти истеҳсоли маҳсулот ба сифати он диққати махсус диҳанд. Таъкид гардид, ки мақсади асосии муассисони ҶДММ «Титан 8888» баланд бардоштани сифат, паст кардани нархҳо ва қонеъ гардонидани дархосту ниёзи мизоҷон, тадриҷан ворид шудан ба бозори кишварҳои ҳамсоя ва хориҷи дур мебошад.

Масъулони корхона азм доранд, ки дар оянда талаботи аҳолӣ, ташкилоту муассисаҳои кишварро ба назар гирифта, ҳаҷму номгӯи маҳсулотро зиёд намоянд ва дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Хоруғ мағозаҳои фирмавӣ таъсис диҳанд. Ҳамзамон, ҷиҳати содироти маҳсулоти тайёр - таҷҳизоти гармидиҳӣ, дег ва чароғакҳои равшанидиҳанда ба хориҷи кишвар нақшаҳо тарҳрезӣ гардида, дар ин самт бо як қатор ширкатҳои тиҷоратии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Озарбойҷон шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шудааст.

Ба кор даровардани корхонаи саноатии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Титан 8888», ки дар Тоҷикистон аз аввалин истеҳсолкунандагони радиатор - таҷҳизоти гармидиҳӣ, дегҳои ҳаҷму андозаашон гуногун барои рӯзгор ва чароғакҳои равшанидиҳанда ба ҳисоб меравад, дар роҳи рушди истеҳсолоти ватанӣ, инчунин, ташкили ҷойҳои кории нав иқдоми муҳиму саривақтӣ номида шуд.

**9-уми апрели соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров баъди ба истифода додани корхонаи истеҳсолии ҶДММ «Титан 8888» дар арафаи иди саиди Фитр чун оини неки инсондӯстона ба 80 нафар ятими кулл туҳфаҳои идона тақдим намуданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба наврасони ятим, ки аз шаҳрҳои Гулистону Бӯстон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ҷамъ омада буданд, саломатии бардавом, хониши хубу аъло ва одоби ҳамида орзу карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки таваҷҷуҳи давлат нисбат ба таълиму тарбияи насли наврас, бахусус ятимону бепарасторон ва фарзандони оилаҳои ниёзманд, сол то сол зиёд гардида, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсил, кору фаъолият ва зиндагии мустақилонаи онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.

Марҳила ба марҳила таҳким бахшидан ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ барои ятимону бепарасторон имкон дод, ки сифати нигоҳубин ва таълиму тарбия дар онҳо беҳтар гардида, кӯдакону наврасони бо амри тақдир бесаробонмонда таҳти ғамхории давлату Ҳукумати мамлакат қарор дода шаванд ва дар оянда ҳамчун шахсони фаъолу комилҳуқуқи ҷомеа ба камол расанд.

Воқеан, шодию нишоти ятимонро ҳадду канор набуд, зеро онҳо шахсан аз дасти Роҳбари ғамхору раъиятпарвари хеш маҷмӯи сарулибос, пойафзол, кумаки якваќтаинаи молиявӣ ва дигар туҳфаҳои арзишманд ба даст оварданд.

Боиси хурсандӣ аст, ки дар пайравӣ ба амалҳои хайрхоҳонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯзҳо ташкилоту муассисаҳо, соҳибкорону тоҷирон ва шахсони саховатпеша низ ба ятимону кӯдакони бепарастор ғамхорӣ зоҳир карда, дар арафаи ҳама иду ҷашнҳо ба онҳо дасти хайру сахо дароз менамоянд.

**9-уми апрели соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Бӯстон ташриф оварда, дар коргоҳи истеҳсоли «ванадий»-и Коргоҳи фаръии «Истеҳсоли гидрометаллургӣ» бо хати истеҳсолӣ пас аз анҷоми корҳои навсозӣ ва барқарорсозӣ шинос шуданд.**

Коргоҳи мазкур аз солҳои 80-уми асри XX инҷониб аз фаъолият бозмонда буд ва пас аз танаффуси тӯлонӣ хати аввали истеҳсолии коргоҳ дар доираи амалӣ намудани




иқдомҳо ҷиҳати рушди соҳаи саноат ва роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда пурра навсозӣ гардида, дар он истеҳсоли «Поливанадати аммоний» ва «Панҷоксидаи ванадий» роҳандозӣ гардидааст.

Коргоҳ иқтидор дорад, ки дар як сол то 200 тонна маҳсулот истеҳсол намуда, ба бозорҳои ҷаҳонӣ пешниҳод намояд. Маҳсулоти истеҳсолшуда таъйиноти содиротӣ дошта, ба Федератсияи Россия, кишварҳои Аврупо ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон содирот мешавад ва он таҷрибаи нахустин ба ҳисоб меравад.

Коргоҳ дар асоси ашёи хоми воридотӣ фаъолият намуда, ҳамкорӣ бо корхонаҳои азими Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои дастрассозии ашёи хом ба роҳ монда шудааст.

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки маҳсулоти ниҳоии коргоҳ серхаридор буда, «ванадий» барои мустаҳкамсозии таркиби металл, тобовар намудани он ба гармию сардии аз меъёр зиёд ва дар саноати истеҳсоли рангҳои ороишӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Хати истеҳсолии коргоҳ дар асоси технологияи ватанӣ ва аз Федератсияи Россия бо ҷалби сармояи дохилӣ пурра навсозӣ шуда, сифати баланди маҳсулотро мутобиқи талаботи бозорҳои ҷаҳонӣ таъмин мекунад.

Барои истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ашёи хом аз 10 марҳилаи коркард гузашта, сипас дар доираи стандартҳои ҷорӣи байналмилалӣ маҳсулоти ниҳоӣ истеҳсол карда мешавад ва назорати сифати он низ бо ҷалби мутахассисони баландтаҷриба роҳандозӣ гардидааст.

Дар коргоҳ 60 нафар сокини маҳаллӣ соҳиби кор гардида, бо маоши хуб таъмин шудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар марҳилаҳои баъдии барқарорсозӣ шумораи кормандон ба 150 нафар расонида мешавад. Ҳамчунин, иқтидори истеҳсолии коргоҳ низ бо таҷдид гардидани дигар хатҳои истеҳсолӣ дар солҳои оянда боз ҳам баландтар хоҳад гашт.

Ба кор шурӯъ кардани хати истеҳсолӣ идомаи тадбирҳо дар роҳи рушди истеҳсолоти ватанӣ, афзоиш додани номгӯи маҳсулоти саноатии дар дохили кишвар истеҳсолшаванда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти таъйиноти содиротидошта буда, натиҷаи татбиқи босамари нақшаҳои «Солҳои рушди саноат» (2022-2026) маҳсуб меёбад.

Дар ҳамин ҷо, ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дурнамои рушди Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» ошно гардиданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат корхона ҳадаф дорад марҳила ба марҳила иқтидорашро барқарор намуда, истеҳсоли маҳсулоти гуногуни саноатиро афзоиш диҳад. Аз ҷумла, дар оянда қисмати дигари коргоҳи истеҳсоли «ванадий» навсозию барқарор хоҳад шуд.

Дар баробари ин, «Лоиҳаи Корхонаи раванди холисгардонии тилло ва нуқра», «Лоиҳаи Корхонаи безараргардонии замин ва коркарди дубораи партовҳои саноатӣ» ва «Лоиҳаи Маркази муосири логистикӣ» муаррифӣ карда шуд. Бунёди «Маркази муосири логистикӣ» аллакай оғоз гардида, тибқи нақша, дар дохили он сардхона, анбор, минтақаи гумрукӣ, минтақаи бастабандӣ, ошхона, хобгоҳ ва дигар иншооти зарурӣ бунёд карда мешавад.

Тибқи нақша, «Корхонаи раванди холисгардонии тилло ва нуқра» дар асоси технология ва методҳои нави холисгардонӣ бунёд ёфта, он ба ҷалб намудани ширкатҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ ба хизматрасониҳои холискории худ ва ташкили ҳамкориҳои нав дар соҳаи истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо мусоидат менамояд. Ҳамчунин, бунёди ин корхона дар оянда мавқеи Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонии металлҳои қиматбаҳо ба таври назаррас таҳким хоҳад бахшид.

Ҳамчунин, дигар номгӯи маҳсулот, ки дар коргоҳҳои истеҳсолии зертобеи КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» истеҳсол карда мешавад, ба намоиш гузошта шуда, маҳсулоти заргарӣ, армуғонҳои гуногун, нишонҳои сарисинагӣ, қолабҳои гуногуни металлӣ, қолинҳои дастбоф ва маҳсулоти дӯзандагӣ низ пешниҳод гардид.

Бояд қайд кард, ки КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» дар асоси дастур ва ҳидоятҳои Пешвои миллат корҳои навсозию барқарорсозиро дар корхонаҳои зертобеаш амалӣ намуда истодааст.

То имрӯз бо иштироки бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Корхонаи заргарии «Зари Суғд» бо 30 ҷойи корӣ ва Коргоҳи дӯзандагии КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» бо 45 ҷойи корӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.

Зимни ифтитоҳ ва шиносоӣ бо дурнамои корхона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулинро вазифадор карданд, ки корҳои навсозию барқарорсозиро дар дигар коргоҳҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» мувофиқи нақша сомон диҳанд ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашударо роҳандозию тақвият бахшанд.



**9-уми апрели соли равон дар идомаи сафари корӣ ба вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров муассисаи таҳсилоти томактабии «Мусаффо»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Муассиса ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо тарҳи замонавӣ ва сифати баланд бунёд шуда, он аз 2 ошёна иборат буда, барои 120 нафар кӯдак пешбинӣ шудааст.

Дар муассисаи замонавӣ 30 нафар мураббӣ дар 6 гурӯҳ бо таълиму тарбияи дӯстрӯякон машғуланд.

Корҳои сохтмонӣ дар кӯдакистони «Мусаффо» аз моҳи июни соли 2023 оғоз гардида, дар он беш аз 50 нафар сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб гардидаанд. Иншоот дар муҳлати 9 моҳ бо истифода аз маҳсулоти хушсифати ватанӣ сохта шудааст.

Ба ғайр аз синфхонаҳои тарбиявӣ дар муассиса ошхона, толорҳои варзишу мусиқӣ, ҳуҷраи тиббӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мавҷуд мебошанд.

Зимни боздид мураббиёну кӯдакон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои туҳфаи арзишманд ва фароҳам намудани шароиту имконоти замонавӣ изҳори миннатдорӣ намуданд.

Дар саҳни муассиса айвончаҳои фароғатию машғулиятӣ ва майдончаи бозии кӯдакон бунёд гардида, чароғҳои замонавии равшанидиҳанда ва гулҳои рангоранг ба ин бинои замонавӣ ҳусни дигар мебахшад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои фароҳамомада дастур доданд, ки масъулон бояд дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ саҳми арзанда гузоранд, то дар оянда шогирдони онҳо барои пешрафти




Тоҷикистон хизмат намоянд.

Дар деҳаи Мусаффои ноҳияи Бобоҷон Ғафуров кӯдакистони «Мусаффо» бо тамоми таҷҳизоту лавозимоти хониш ҷиҳозонида шудааст.

Шодию нишоти дӯстрӯякони кӯдакистон ҳадду канор надошт, чун онҳо шахсан аз дасти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон туҳфа гирифтанд.

Акнун сокинони деҳаи Мусаффо имкон доранд фарзандонашонро дар беҳтарин шароит бо таълиму тарбия фаро гиранд.

Дар доираи корҳои ободонию созандагӣ, ҳамзамон, бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров зиёда аз 1300 метр роҳи дохили деҳа мумфарш гардидааст.

**9-уми апрели соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, инчунин, ба фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муосир-пласт» оғоз бахшиданд.**

Иншооти соҳаи саноат ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар бо навтарин технологияи истеҳсоли кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бунёд гардида, иқтидор дорад, ки дар як сол аз 20 то 60 млн. дона маҳсулот истеҳсол намояд.

Дар навбати аввал бо истифода аз 3 хати технологӣ ва 50 намуди қолаб зарфҳои яккаратаи пластикӣ барои шириниҳо, нӯшокиҳо, тармеваю хушкмева, маҳсулоти ширӣ ва хӯрока омода гардида, наздики 50 нафар баъд аз омӯзиши нозукиҳои таҷҳизоти замонавӣ соҳиби кори доимӣ шуданд.

Ин аввалин корхона дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ки фаъолияташро пурра ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот равона намудааст.

Қаблан ин намуди маҳсулот ба ҷумҳурӣ аз хориҷи мамлакат ворид карда мешуд. Аз рӯи маълумот дар як сол тақрибан ба маблағи 175 миллион доллари амрикоӣ маҳсулоти тайёри пластикӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад. Ба роҳ мондани истеҳсоли чунин намуди маҳсулот ба коҳиши сатҳи вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти воридотӣ мусоидат намуда, даромаднокӣ ва сатҳи зиндагии мардум ба ин восита боз ҳам беҳтару хубтар мегардад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои корхона иқдоми соҳибкорони ватаниро дар самти рушди соҳаи саноат намунавӣ арзёбӣ карда, таъкид намуданд, ки дар доираи «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ва фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ бояд шумораи чунин корхонаҳои истеҳсолӣ дар мамлакат зиёд карда шавад ва ин роҳи муҳими афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва таъмини сокинон бо ҷойҳои корӣ мебошад.

Дар ҳамон ҷо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи маҳсулоти истеҳсолгардидаи корхонаи навтаъсиси «Муосир-пласт» ва дигар корхонаҳои саноатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров муаррифӣ гардид.

Муассисони корхона дар оянда боз нақша доранд, ки бо афзоиш ёфтани талабот ба ин намуди маҳсулот қолабҳои навро ворид намуда, бо ин восита номгӯи маҳсулот ва теъдоди ҷойҳои кориро зиёд намоянд.

Дар доираи эълони солҳои 2022 -2026 «Солҳои рушди саноат» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 78 коргоҳу корхонаи нави саноатӣ бо 538 ҷойи корӣ мавриди истифода қарор дода шудааст, ки имрӯз фаъолияти назарраси истеҳсолӣ доранд.

**9-уми апрели соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Сарбанди шаҳри Гулистони вилояти Суғд коргоҳи коркарди моҳиро мавриди истифода қарор дода, бо раванди фаъолияти хати истеҳсолӣ шинос шуданд.**

Коргоҳи истеҳсолӣ аз зумраи иншооти ҷашнӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ маҳсуб ёфта, тавоноии он дар як рӯз ва дар як баст коркарди як тонна моҳӣ ва истеҳсоли беш аз 5000 қуттӣ консерваи моҳӣ мебошад.

Коргоҳ дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат ба хотири таъмини сохторҳои низомӣ ва бозори дохилӣ бо консерваи моҳӣ таъсис дода шуда, дар он дар ду баст 50 нафар сокини маҳаллӣ, ки аксариятро занону духтарон ташкил медиҳанд, бо ҷойи корӣ таъмин гардидаанд. Айни ҳол коргарон бо истифода аз захираи ашёи хом ва хатҳои муосири технологӣ консерваи моҳиро дар зарфҳои оҳании 200-грамма коркарду истеҳсол менамоянд.

Иншооти соҳаи саноат дар заминаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Таъминоти моҳӣ» аз ҶДММ Корпоратсияи «Моҳии тоҷик» дар ҳамкорӣ бо Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои муҳими стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва таъмини амнияти озуқаворӣ қадами устувор аст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми мазкурро дар самти қонеъ сохтани талаботи аҳолӣ бо ин намуди маҳсулоти парҳезӣ ва таъмини сохторҳои низомӣ муҳим арзёбӣ намуда, масъулонро вазифадор карданд, ки ба сифати маҳсулоти истеҳсолгардида диққати зиёд диҳанд.

Инчунин, дастур дода шуд, ки дар баробари зиёд намудани ҳаҷми истеҳоли консерваи моҳӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби занону духтарон, ҳамзамон, барои таъсиси сардхонаҳои замонавӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Дар вилояти Суғд барои афзоиши ҳаҷми коркарду истеҳсоли ин намуди маҳсулоти парҳезӣ захира ва имкониятҳои зиёд мавҷуданд. Дар ҳудуди вилоят ғайр аз Баҳри тоҷик, ҳамзамон, 5 хоҷагии моҳипарварии Корпоратсияи «Моҳии тоҷик» фаъолияти намунавӣ доранд, ки ҳамаи он дорои захираи намудҳои гуногуни моҳӣ мебошанд.

Тибқи иттилои масъулон, бештари маҳсулот барои коркард дар ин коргоҳ аз Баҳри тоҷик дастрас мегардад.

Ҳамасола кормандони Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Кумитаи ҳифзи муҳити зист аз Баҳри тоҷик аз 100 то 150 тонна моҳӣ сайд намуда, барои таъмини талаботи сохторҳои низомӣ дар сардхонаҳо захира менамоянд.

Дар саҳни коргоҳи навбунёд ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намудҳои гуногуни моҳии зинда, маҳсулоти аз моҳӣ ва гӯшти мурғ консервашуда намоиш дода шуд.

Феълан дар яхдонҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Таъминоти моҳӣ»-и Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори зарурӣ моҳии яхкардашуда, консерваи мурғ ва дигар намуди маҳсулот барои коркард ва таъмини талабот захира гардида, дар он 80 нафар кор мекунанд.

Корпоратсияи «Моҳии тоҷик» ҳамасола бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва имтиёзҳои пешбинишуда аз ҳисоби фаъолияти хоҷагиҳои моҳипарварии дар шаҳру ноҳияҳои вилоят мавҷудбуда беш аз 200 тонна моҳӣ истеҳсол менамояд ва дар оянда нақша дорад, ки ба ҳамин монанд боз ду коргоҳи дигари истеҳсоли консерваи моҳиро дар ноҳияҳои Ашти вилояти Суғд ва ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон бо таъсиси беш аз 45 ҷойи корӣ бунёд намояд.

**(Идомаи гузоришҳо аз ҷараёни сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар шумораи навбатии рӯзнома нашр мешаванд).**

www.prezident.tj

(Идома аз саҳ. 1)

# АНҶОМИ ХАЙРУ САДАҚОТ ЯКЕ АЗ СУННАТҲОИ НЕКИ МАРДУМИ МОСТ

## Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди саиди Фитр

**шаҳри Душанбе, 9 апрели соли 2024**

Давлат ва Ҳукумати мамлакат дар асоси Конститутсия ва дигар қонунҳо ба хотири таъмин намудани амнияти ҷомеа, ҳифзи суботу оромӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва муҳайё кардани шароити мусоид барои ҳаёти осоиштаи мардум аз тамоми фишангу воситаҳо истифода мебарад.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки шаҳрвандони мо, хусусан насли калонсоли кишвар, набояд омилҳо ва сабабҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки ба мардуми мамлакат бадбахтиҳои зиёд оварда буд, фаромӯш созанд.

Вобаста ба ин, бори дигар ба падару модарони муҳтарам, устодону омӯзгорон, аҳли зиёи мамлакат ва фаъолони ҷомеа муроҷиат мекунам, ки нисбат ба ин масъалаҳо бетарафию дурӯягӣ накунанд, ба тарбияи фарзандон эътибори боз ҳам ҷиддӣ диҳанд, онҳоро беназорат нагузоранд, бо фарзандони худ, дар ҳар ҷое ки бошанд, робита дошта бошанд ва онҳоро ҳамеша ба роҳи дуруст ҳидоят намоянд.

Мо бояд ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум эътибори ҷиддӣ диҳем, дар чаҳорчӯбаи Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи мамлакат зиндагӣ ва кору фаъолият карданро омӯзем ва риояи муқаррароти қонунро ба одати ҳатмӣ ва ҳаррӯзаи худ табдил диҳем.

Мо дида истодаем, ки вазъияти ҷаҳони муосир чӣ қадар ҳассос гардида, раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб ва марҳалаи нави «ҷанги сард» рӯз ба рӯз шиддат гирифта истодааст ва касе пешгӯӣ карда наметавонад, ки фардо чӣ мешавад. Дар чунин шароити ниҳоят мураккабу хатарзо мо нагузорем, ки шаҳрвандон ва фарзандонамон бозичаи дасти гурӯҳу қувваҳои манфиатҷӯй гарданд.

Дар робита ба ин, комилан табиист, ки вазъи имрӯзаи ҷаҳон зарурати баланд бардоштани зиракии сиёсӣ, дарку эҳсоси боз ҳам амиқи арзишҳои миллӣ, густариши худшиносию худогоҳӣ, таваҷҷуҳ ба забон, фарҳанг ва мероси таърихии халқи худ, анъанаю суннатҳо ва расму оинҳои миллиро ба миён гузоштааст.

Мо бояд арзишҳои ҷовидонаи мардумамонро, ки дар тӯли асрҳо ташаккул ёфтаанд, барои тарбияи наслҳои созандаю ободкор ҳифз кунем, истифода намоем ва ба мерос гузорем.

Пеш аз ҳама, дар фикри давлат ва миллати хеш бошем, дар назар дошта бошем, ки миллати тоҷик аз азал инсондӯсту таҳаммулгаро буд ва номи худро дар таъриху тамаддуни башарӣ бо илм ва фарҳангу адабиёти ҷаҳонгираш сабт кардааст.

Мо бояд ҳамеша сарҷамъ ва дар зери Парчами давлати худ муттаҳид бошем, дар лаҳзаҳои вазнин дасти ҳамдигарро гирем ва ба якдигар кумак расонем.

Мо бояд аз соҳибдавлатию соҳибватанӣ, неъматҳои истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати комили миллӣ шукргузорӣ намоем, зеро маҳз, ба шарофати онҳо имрӯз мардуми ободкору созанда ва ватандӯсту сарбаланди мо ба хотири рушди минбаъдаи давлатамон бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва содиқона заҳмат кашида истодаанд.

Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки миллати тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ бисёр давраҳои сахту сангинро аз сар гузаронидааст, садҳо ҳазор фарзандони он барои расидан ба рӯзҳои босаодат мубориза бурдаанд ва дар ин роҳ ҷони худро аз даст додаанд.

Шукр, ки мо ба истиқлолу озодӣ расидем ва имрӯз соҳибватану соҳибдавлат ҳастем.

Мо акнун давлат бунёд карда истодаем. Ман медонам, ки садҳо мушкилоту норасоӣ дорем, аммо хуб дар хотир дошта бошем, ки касе дар андешаи обод кардани Ватани мову шумо, яъне хонаи мову шумо нест. Фақат ва фақат мову шумо ҳастем, ки бояд дар фикри ободӣ ва ҳифзи ин Ватан бошем.

Барои ин, пеш аз ҳама, вақт, заҳмат, сабру таҳаммул, маърифати баланди сиёсию ҳуқуқӣ, иттиҳоду сарҷамъӣ, иродаи матин, нангу номус ва ҳисси баланди миллӣ доштан зарур аст. Ман медонам, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон ин ҳамаро доранд.

Бо умеди ҳамеша пойдору устувор будани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бори дигар фарорасии иди саиди Фитрро ба мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамон самимона табрик гуфта, ба ҳар як фарди Ватан имону эътиқоди комил, ризқу рӯзии фаровон ва хонаи обод орзу менамоям.

**Фарорасии иди саиди Фитр муборак бошад, ҳамдиёрони азиз!**

# МАРҲАБО, БА ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ!

## МАРКАЗИ ТАЪЛИМ, ИЛМ ВА ФАРҲАНГ ДАР ВОДИИ ЗАРАФШОН



**АНСОРӢ Муаззамхон Қудратзода, профессор, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент**

**ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ! Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент тибқи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғояҳои ватангустар ва сулҳоварро барои таъмини сулҳу субот ва рӯзгори босаодат амалӣ гардонида, дар татбиқи ин ғояҳо, иҷрои қарору дастурҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаҳду талош карда, олимону донишмандон ва устодону кормандони соҳибтаҷриба ва ташаббускору навҷӯи донишкада дар роҳи пурзаҳмати илму маърифату фарҳанг шогирдонро тарбия менамоянд.**

